**Зебунисо Файзуллоева, Ғафурҷон Маҳмудов,**
**Равшан Мӯъминҷонов**

# КИТОБИ ХОНИШ

*Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 1-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ*

Нашри нӯҳум

Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон тасдиқ намудааст



ТОШКАНД — «O‘ZBEKISTON» — 2019

УЎК 811.228.8(075)+372.41
КБК 81.2 Тоҷ
Т 68

Муқарризон:

**Ҷ. Ҳамроев** — доктори улуми филологии кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд, профессор;
**Р. Абдуллоев** — дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Тирмиз, номзади улуми филологӣ;
**З. М. Қурбоналиева** — омӯзгори калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Тирмиз, номзади улуми филологӣ;
**С. Маҷидова** — омӯзгори кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд.

## Аломатҳои шартии китоб:

 — *савол.*

 — *супориш.*

 — *луғат.*

 — *вазифаи хонагӣ.*

 — *интиҳои дарс.*

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.**

ISBN 978-9943-01-732-0

© ХЭТН «O‘zbekiston», 2011–2019

# ЯКУМЧАҲО

Якумчаҳои меҳрубон,
Якумчаҳои шодмон,
Шумо кунун китобхон,
Балочаи ҳисобдон!

«Китоби хониш»-и шумо,
Ривоҷи дониши шумо.
Шавад муяссар оқибат
Мурожу хоҳиши шумо...

Ҷаҳон пур аз садоятон,
Ватан хуш аз бароятон.
Ҳамеша чору панҷ бод,
Баҳоятон, баҳоятон!

*Наримон Бақозода*





*Салом, навниҳолони «Боғи дониш!»*

Шумо китоби «Алифбо»-ро хонда тамом кардед. Ҳарфҳоро хуб мешиносед ва калима сохта метавонед. Барои хуб хондан ва бехато навиштан акнун ба шумо «Китоби хониш» ёрӣ медиҳад. Калимаҳоро дуруст ва бехато хонда, шеъру тарона, зарбулмасалу мақолҳои китобро аз ёд кунед. Китобро дӯст шуморед ва доимо тоза нигоҳ доред.

Ҳамеша дар хотир доред: «Дониш аз хониш аст».

# УСТОДИ МЕҲРУБОНАМ

Рафтори хуб дорад,
Гуфтори нарм дорад.
Аз саҳви ман зи ман беш,
Гӯйӣ, ки шарм дорад.
Устоди меҳрубонам.

Гаҳ мекунад насиҳат,
Гаҳ дарси панд гӯяд.
Ҳар ҳарфу ҳар суханро
Ширин чу қанд гӯяд.
Устоди меҳрубонам.

Аз ин сабаб бипурсанд,
Ҳар гаҳ агар рафиқон:
— Донои ин ҷаҳон кист?
Гӯям ман аз дилу ҷон:
— Устоди меҳрубонам,
Устоди меҳрубонам.

*Паймон*

# ЎЗБЕКИСТОН — ВАТАНИ МАН



## ВАТАН

Ин замину ин чаман,
Ин ҳаёту ин Ватан,
Бошад ба ҷон баробар,
Чун мероси халқи ман.

Аз бобову аз падар,
Омад ба мо ин кишвар.
Кишвар ба мо азиз аст,
Монанди рӯйи модар.

*Шоҳмузаффар Ёдгорӣ*

# ВАТАНИ МАН КУҶОСТ?

Манучеҳр аз сагчааш пурсид:

— Ту аз куҷо омадӣ, Ватанат куҷост?

Сагча ҷавоб дод:

— Дар ҳавлии шумо чашм кушодам ба дунё, дар ҳавлии шумо ёфтам ман ёру ошно. Дар ҳавлии шумо бидидам меҳрубонӣ. Пас, Ватани ман даруни ҳавлии Шумост.

— Аҷоиб, — гуфт Манучеҳр ва назди мӯрчаяк омад:

— Бигӯ, мӯрчаяк, ту аз куҷо омадаӣ, Ватани ту куҷост?

— Ман мехӯрам нонрезаи хони шумо. Ватани ман даруни ҳавлии Шумост.

— Бисёр аҷиб, — гуфт Манучеҳр ва назди падараш омад:

— Падарҷон, — гуфт ӯ, — бигӯед, шумо аз куҷо, Ватани Шумо куҷост?

— Падарам буд аз ҳамин деҳистон. Ҳавлии ман дар бағали ин кӯҳистон. Пас, Ватани ман ин ҷост, замини Ӯзбекистон, — ҷавоб дод падараш.

— Дӯстон, ҳой дӯстон! — фарёд кард Манучеҳр. — Ман донистам, Ватани ман куҷост. Хонаи мо, ҳавлии мо, деҳаи мо, — ҳамаи ин Ватани мананд!

*Зебунисо Файзуллоева*





1. Манучеҳр аз сагчааш ва мӯрчаяк чиро пурсид?
2. Падараш ба Манучеҳр чӣ ҷавоб дод?
3. Мазмуни матнро нақл кунед.

# ШЕРДОР

Ин ёдгори нодир,
Ин «Шердор»-и нодир,
Таърихи дур дорад,
Тасвири нур дорад.
Ҳар нақшу ҳар нигораш,
Ҳар ранги тобдораш,
Бар мо фасона гӯяд,
Шеъру тарона гӯяд.
Чун Ҷомию Навоӣ
Байти шаҳона гӯяд.
Чун ёдгори аҷдод
Онро нигоҳ дорем.
Фардо ба мисли ҳадя
Ба насли нав супорем!

*И. Субҳонӣ*

1. Мадрасаи «Шердор» воқеъ дар кадом шаҳр аст?
2. Дар маскани шумо ёдгориҳои қадимӣ мавҷуданд?




AMIR TEMUR

# ҲАРФЧАДВАЛ

Аз ҳарфҳои хоначаҳои сурх калимаҳо сохта, ҳарфҷадвалро пур кунед.

З А И З
В Т Н А А
М О И Н
Р О



# ТАБАССУМ

Чумчуқ «Чи-чи» мегӯяд,
Медонӣ, чӣ мегӯяд?
«Дар мактаби чумчуқҳо
Ман аълочӣ мегӯяд!»



Дар расм чиҳо тасвир шудаанд? Оё Шумо Ватани худро тасвир карда метавонед?

# ГЕРБ ВА ГИМНИ ДАВЛАТИИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН



Дар герби давлатии Ўзбекистон офтоби тобон ва водии шукуфон тасвир шудааст. Ин манзара дар дохили гулчанбаре, ки тарафи чапи он аз ғӯзаҳои шукуфтаи пахта ва тарафи росташ аз хӯшаҳои гандум иборат аст, ҷой гирифтааст. Моҳ ва ситора дар дохили ситораи ҳаштгӯша рамзи мусулмонон аст. Дар байни герб мурғи афсонавии Ҳумо тасвир ёфтааст.

Дар поёни герб номи давлат – «Ўзбекистон» навишта шудааст.

Манзара ва тасвирҳои Герби давлатии Республикаи Ўзбекистон фаровонии ризқу рӯзии мардум ва ояндаи пурфайзро ифода мекунанд.

Муаллифи матни Гимни давлатии Республикаи Ўзбекистон Абдулло Орипов мебошад. Ба он Мутал Бурҳонов оҳанг бастааст.

# ЧИСТОН

Ёфтани чистон
Хеле ҳам осон,
Агар бикобӣ,
Ту ҳам меёбӣ.

Кушода Ҳумо
Болҳои худро.
Барои парвоз,
Бо чандин эъҷоз.

Дастаи пахта,
Сабзаи раста,
Хӯшаи гандум,
Маҳбуби мардум?

*Зебунисо Файзуллоева*

Дар герби мо чиҳо тасвир ёфтаанд?

Нишонаҳои гербро ба хотир гиред.

Чистонро хонед ва мазмунашро гуфта диҳед.

Бачаҳо, оё Шумо медонед, ки калимаи *Ватан* боз ҳаммаъноҳои дигар дорад? Ин калимаҳо Меҳан ва зодгоҳ аст.
*Эъҷоз* — кори ҳайратовар, аҷиб.
*Герб* — нишони давлат.
*Маҳбуб* — дӯстдошта.

## ДУ ДЎСТ

Дар мактаби мо Ҷонибек ном писарбачаи хеле зирак мехонд.

Ба қарибӣ ӯро барои ҳунарнамоӣ ба Амрико фиристоданд. Ҷонибек хеле хурсанд буд.

Баъд аз бозгашт бо ӯ хеле сӯҳбат кардем. Маълум шуд, ки Амрико ба ӯ маъқул шудааст. Ҷонибек нақл кард:

Яке аз мактаббачагон ба ман савол дод:

— Шумо аз куҷо омадед?

— Аз Ўзбекистон, — ҷавоб додам ман.

— Кишвари шумоён дар куҷо аст?

— Дар Осиёи Марказӣ — ҷавоб додам каме фикр карда.

— Кишвари Шумо бо кадом чизҳояш машҳур аст? — ба ҳолам намонда пурсид ӯ.



— Чӣ гӯям-а? — аз хаёл гузаронидам ва дарҳол ҷавоб додам:

— Бо мошинҳояш — «Нексия», «Дамас», «Матиз»..., бо пахтааш, бо халқи меҳмондӯсташ, бо ҷойҳои таърихияш — Самарқанд, Бухоро, Хева...

*А. Зокиров*

Ҷонибекро барои чӣ ба Амрико фиристоданд? Оё Ҷонибек ба саволҳои писарбачаи хориҷӣ дуруст ҷавоб дод? Шумо чиҳоро илова мекунед?

# ДАРВОЗА НИГИН ДОРАД

*Таронаи халқӣ*

Ҳо ҷастаму ҳо ҷастам,
Рӯмолчаба нон бастам.
Айни бибиҷон рафтам,
Гӯгирдаша гум кардам,
Аловаша пуф кардам.
Дидам таги дарвоза,
Ду духтари пурғоза.
Мӯҳоша ваҷаб кардам,
Андар таги дарвоза.
Дарвоза нигин дорад,
Қулфи мармарин дорад.





Шеърро хонед. Оё дар деҳаи Шумо дарвозаҳои нақшин ҳастанд?



## МУАММО

Сангпушт ҳайвони дарозумр аст. Онро дар хона низ парвариш кардан мумкин аст. Агар Шумо сангпушт дошта бошед, кадоми ин се хӯрданиро ба вай доданатон мумкин аст?



## ЧИСТОН

Ду бародар —
Гоҳ сабуку
Гоҳ вазнин,
Гоҳ баробар.



# РЎБОҲ ВА БУЗ

*Нақл аз рӯйи расм*





Аз рӯи нақша нақл кунед:

1. Ба чуқурӣ афтидани Рӯбоҳ.
2. Ба ёрӣ омадани Буз.
3. Рафтори Рӯбоҳ.
4. Хулоса.



Аз рӯи нақл расм кашед.



# ҚАҲРАМОНҲОИ ВАТАНИ МО

Қаҳрамонӣ ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешавад. Номи қаҳрамонҳо ҳамеша дар ёди одамон боқӣ мемонад. Барои қаҳрамон шудан мард ё зан будан аҳамият надорад.

Дар замонҳои хеле қадим низ одамон барои осоиштагии Ватани худ қаҳрамонона мубориза мебурданд.

Барои Ватан шуда Шерак ном чӯпон гӯшу биниашро бурида, худро маҷрӯҳ кард. Бо ин роҳ вай душманро фиреб дода, дар саҳрои беоб онҳоро нобуд намуд.

Ҳикоят дар бораи шуҷоати ин марди ҷасур аз даҳон ба даҳон то ба мо омада расидааст.

Қаҳрамонзан Томирис чӣ? Ӯ низ ба муқобили дастаи душманон ҷасурона



муборизa бурдааст. Ин зани шуҷоъ ба ваъдааш вафо карда, душманро нобуд кардааст.

*Қ. Умед.*

## МАҚОЛ

Аз бад — касофат, аз нек — шарофат.



Киҳоро қаҳрамон мегӯянд? Шерак чӣ гуна корнамоӣ нишон дод? Томирис чӣ?

## ЭЙ КИШВАРИ МАН

Эй кишвари ман,
болу пари ман.
Меҳри дили ман,
тоҷи сари ман.
Бо шаршараи
ҷӯйҳои пуроб,
Бо тантанаи
парвози уқоб,
Аз нав бикунам
шодона хитоб:
Эй кишвари ман,
болу пари ман,
Меҳри дили ман,
тоҷи сари ман!

*Аминҷон Шукӯҳӣ*

Шеърро аз ёд кунед.

## ЗАРБУЛМАСАЛ

Мисли Модар ёру мисли Ватан диёре нест.



# ТОШКАНД — ПОЙТАХТИ ВАТАНИ МО



Тошканд пойтахти Ватани мо мебошад. Тошканд аз қадим бо номҳои Шош, Чоч ҳам машҳур буд.

Гузаштагони мо аз замонҳои қадим дар Тошканд ба корҳои ободонӣ эътибор медоданд. Мадрасаи Кӯкалдош, маҷмӯи Ҳазрати Имом имрӯз ҳам ҳамаро ба ҳайрат меоваранд.

Тошканди имрӯза хеле обод аст.



Дар замонҳои пеш мактабро мадраса мегуфтанд.



Пойтахти Ватани мо кадом шаҳр аст? Кадом ёдгориҳои ин шаҳр имрӯз ҳам машҳуранд?



# МО — АВЛОДИ БУЗУРГОН



Дар мактаб агар
Аълохон шавӣ.
Мисли бузургон
Ҳамадон шавӣ.

Аз дарси устод
Чун барӣ ҳосил.
Мешавӣ ту ҳам
Инсони комил.

*Паймон*

# ГУЛЗОРИ МАЪНӢ

Андар дабистон
Гулзори маънӣ —
Бо чашми ибрат
Онро бубинӣ.

Синову Ҳофиз
Фониву Бедил,
Саъдиву Ҷомӣ —
Мифтоҳи мушкил.

Ҳар шеъри онон
Монанди гулҳост,
Зинатфизои
Раҳи умри мост.

Аз ин гулистон
Гулдаста чинем,
Хурсанд бошем,
Хорӣ набинем.

*Раҳим Ғанимат*

Шоир мактабро ба чӣ монанд кардааст?
Дар бораи мактаб боз кадом шеърро медонед?

**Дабистон** — мактаб
**Мифтоҳ** — калид
**Зинат** — ороиш, зевар.

## ПАНДҲОИ ЧУ ҚАНД

Салом аз хурд — калом аз калон.

* * *

Як китоби хуб — беҳтар аз як хазинаи бузург.

* * *

Ҳунар аз мулку мероси падар беҳ.

* * *

Дониш омӯхтан — бо сӯзан чоҳ кандан.

* * *

Тилло дар оташ, одам дар меҳнат маълум мешавад.

* * *

Кам гӯю дониста гӯй.

Чаро пандҳоро чу қанд номидаанд?

Пандҳоро хонед. Маънои онҳоро аз худ карда, дар хотир нигоҳ доред.

## МАРО ТАНБАЛ НАГӮЕД!

Маро танбал нагӯед,
Гапи дағал нагӯед,
Ки ман акнун қобилам,
Ба ин гап муқобилам.
Бачаи гапдароям,
Аз гап намебароям.

Намегурезам аз кор,
Дар кори хона тайёр.
Ҷорӯбам ҳамроҳи ман,
Ҷорӯбам гувоҳи ман.
Аз хона бо ҷорӯбам,
Танбалиро мерӯбам.

*Убайд Раҷаб*

! Шеърро ифоданок хонед.



## МОР, УҚОБ ВА ШИКОРЧӢ

Рӯзе байни мору уқоб ҷанги калон рӯй дод. Мор зӯр баромада уқобро печонид. Уқоб беҳол шуд. Шикорчӣ омаду уқобро аз марг наҷот дод. Мор ба хашм омада, заҳрашро ба шохи гов, ки шикорчӣ бо он об менӯшид, зад. Шикорчӣ, ки аз ин воқеа хабардор набуд, шохро аз оби чашма пур кард ва хост бинӯшад. Ҳамин вақт уқоб аз куҷое пайдо шуд



ва чанг зада шохро гирифту ба ҳаво парвоз кард.

*Афсонаи халқи тоҷик*

Мор чӣ кор кард? Чаро?

Уқоб чӣ кор кард? Чаро ӯ ба шикорчӣ ёрдам дод?

Дар ин афсона кадом сифатҳо тавсиф шудаанд? Номбар кунед.

# БЕҲЗОД

(*Ривоят*)

Камолиддини Беҳзод бо ҳунари худ ҳамзамононашро дар ҳайрат гузоштааст. Дар расмҳои Беҳзод манзараҳои табиат, гулу сабзазор, майдонҳои шикор, боғҳо ва қасрҳо тасвир шудаанд. Вай дар офаридани сурати одам моҳир буд.

Касе, ки расмҳои ҳаҷвӣ ва ҳазломези Беҳзодро тамошо мекард, худро аз ханда боздошта наметавонист. Беҳзод ҳамчун рассоми ҳунарманд хеле машҳур шуда буд. Подшоҳи замон Ҳусайн Бойқаро ӯро ҳамеша ба сӯҳбатҳояш даъват мекард.

Камолиддини Беҳзодро шоири бузурги ӯзбек Алишер Навоӣ бисёр дӯст медошт ва эҳтиром мекард. Ба қадри ҳунари ӯ мерасид.

# ПАНДҲО

Эй азизон, умрро ғанимат шуморед.

* * *

Ҷон фидои ёрони мувофиқ кунед.

* * *

Вақт аз даст надиҳед.

* * *

Қурбони Ватан бош, ки қурбонат шаванд.



Ривоятро хонда мазмунашро нақл кунед.



Пандҳоро аз ёд кунед.

# БОБОИ РОЗИҚ

Бобоям пир аст,
Нафақагир аст.

Аз субҳ то шом,
Надорад ором.
Бо кори ҳалол,
Бехи ҳар ниҳол:
Себу шафтолу,
Ноку зардолу.
Анҷиру анор,
Хурмои қатор.
Мекунад доим,
Нарму мулоим.
Аз ин рӯ, асло
Дар ҳавлии мо
Намешавад зиқ
Бобои Розиқ.

*Олимҷон Исматӣ*

Бобои Розиқ чӣ кор мекунад? Бобою падари Шумо чӣ кор мекунанд?

Шеърро ифоданок хонед.

## ШОГИРДИ НОНВО

Шамсиддин Муҳаммад дар ҳафтсолагиаш бе падар монд ва ба кор даромад. Шамсиддин ба ҳавлии хӯҷаинаш об меовард, ҳезум мекашонд, ба кӯдаки соҳибхона нигоҳубин мекард, бо азобҳои сахт хӯрдание барои модараш меовард.

Бачаи бечора рӯзе аз дасти соҳибаш гурехта, сарсону саргардон дар кӯчаҳо мегашт, ки бӯйи хуши нонро ҳис кард. Шикамаш гурусна буд...

Соҳиби ин ҳавлӣ ба кӯча баромада Шамсиддинро дид. Аз Шамсиддин хоҳиш кард, ки як кӯза об биёрад. Ҳамин тавр, ӯ ба хизмати нонво даромад.

Рӯзҳо мегузаштанд. Ҳар саҳарӣ Шамсиддин ҳамсолони худро медид, ки ба мактаб мерафтанд. Ӯ низ хоҳиши зиёди хондан дошт. Нонво, ки

марди меҳрубон буд, ба ӯ иҷозат дод то ҳамроҳи бачагон ба мактаб равад.

Шамсиддин баъд аз анҷоми ҳамаи корҳо акнун ба хондан машғул мешуд. Дере нагузашта ӯ Қуръонро пурра аз ёд кард. Соатҳои дароз шеърхониҳои одамонро гӯш мекард. Ӯ ба шеъру ғазал меҳр монд.

Кӯшишу ғайрат дере нагузашта ин писарбачаи хурдсолро бо номи яке аз шоирони боистеъдоди ҷаҳон — Ҳофизи Шерозӣ машҳур кард.

*(Мазмун аз «Ҳофизнома»-и А. Афсаҳзод)*

## ПАНД

Зи гаҳвора то гӯр дониш биҷӯй.



Шамсиддин чӣ кор мекард? Чаро ӯ аз хизмати хӯҷаинаш рафт? Дар хонаи нонво ӯ чӣ кор мекард?



## ТАБАССУМ КУНЕД!

Япониягиҳо аз хурдсолӣ ба кӯдакони худ як хислати хеле хубро меомӯзонанд. Ин ҳам бошад, табассум кардан аст! Аз рӯйи талаби япониягиҳо табассум дар ҳолатҳои зерин набояд аз лабони кӯдаконашон дур шавад:

- дар вақти бо касе вохӯрдан;
- дар вақти бо ҳамдигар хайрухуш кардан;
- дар вақти рӯй додани нохушӣ;
- вақте ягон узвашон дард мекунад;
- вақте аз чизе шарм медоранд.

Шумо низ ҳамеша табассум кунед!

## ТЕЗГӮЯК

Шаст сада шинондем,
Сӣ шамшод.

? Дар кадом ҳолатҳо табассум кардан лозим будааст?

# ДАРСИ ОХИРИН

Боре зи Сангин
Пурсид Анвар:
— Бигӯ, кадом дарс
Аз ҳама беҳтар?

Дар ҷавоб он гоҳ
Бигуфто Сангин:
— Аз ҳама беҳтар
Дарси охирин.

*Абдушукур Сатторов*



? Чаро Сангин дарси охиринро беҳтарин гуфтааст? Оё ин рафтори хуб аст?

# ПАХЛАВОН МАҲМУД

*(Ривоят)*

Маҳмуд ном марди хевагӣ ҳам паҳлавон ва ҳам шоир буд.

Як вақтҳо чандин хевагиён дар Ҳиндустон асир монда буданд. Паҳлавон Маҳмуд барои халос кардани онҳо меравад. Султони Ҳинд мефармояд, ки ӯ бо паҳлавони ҳиндустонӣ гӯштин гирад.

Пеш аз муҳориба Маҳмуд овози занеро мешунавад, ки илтиҷо дошт: «Эй Худо, писари ягонаамро дастболо кун...»

Маҳмуд мефаҳмад, ки ин зан модари ҳамон ҷавонест, ки пагоҳ бо ӯ бояд гӯштин гирад. Рӯзи дигар ӯ худро суст нишон медиҳад, то ки он ҷавон ғолиб барояд.



Ҷавони ҳиндустонӣ ғолиб шуд. Ба ин муносибат султон зиёфат орост. Дар роҳ пойи филе, ки султон савораш буд, ногоҳ ба ботлоқ ғӯтид. Паҳлавон Маҳмуд дарҳол пойи филро кашида баровард.

Султон аз Маҳмуд пурсид:

— Бо ин тавоноӣ чаро дар муҳориба мағлуб шудӣ?

Маҳмуд воқеаро гуфта дод.

Султон ба зўру тавонои Маҳмуд ва ба ақлу заковати вай қоил шуда, ҳамватанони ўро озод кард.



Маҳмуд кӣ буд? Чаро ба ў лақаби «Паҳлавон»-ро дода буданд?



Дар бораи шуҷоати Маҳмуд ба аҳли оилаи худ нақл карда диҳед.



## АСОИ ПИРӢ

Адҳам аввал об оварда монд. Баъд ҳезум кафонда, ба назди оташдон ғарам кард. Рўйи ҳавлӣ ва хонаро тоза рўфт, баъд ҷогаҳи мўйсафедро аз нав андохт. Ҷўрабобо ба хона даромаду ҳама ҷойро тозаву озода дида хурсанд шуд.

— Ҳазор раҳмат, ҷони бобо! Асло рўйи камиро набинӣ, — изҳори миннатдорӣ кард ба писарак ва гуфт:

— Аз он рӯзе, ки асои пириям шудаӣ, худро ҷавон ҳис мекунам.

*Аз рӯзномаи «Булбулча»*

Адҳам чӣ кор кард? Ҷӯрабобо ба ӯ чӣ гуфт?

## ҲАРФҶАДВАЛ

Аз расми поёнӣ ҳарфҳоро ёфта чунон ҷо ба ҷо гузоред, ки номи шаҳр ва ҳафта ҳосил шавад.




## ЧИСТОН



Таҳ санг, санг нест,
Рӯ санг, санг нест,
Морсар аст, мор нест,
Чор по дорад, гов нест.

# САРДОР ВА ДАСТЁРИ ОИЛА

Ман он сол дар оилаамон ҳам ба ҷойи падар, ҳам ба ҷойи модар ва ҳам ба ҷойи дастёр кор мекардам. Азбаски акаам ҳанӯз нимбемор ва додаронам хурдсоли аз беморӣ нав халосшуда буданд, ба ҳеҷ кор ёрӣ дода наметавонистанд.

Модарам, бинобар бемориаш, он сол шинннии тут пухта натавониста, як ҷуволча тутмавиз карда монда буд. Як зани ҳамсоя ба ман аз тутмавиз ҳалвои тар пухтанро ёд дод, ки ҳар ҳафта ду бор ҳалвои тар мепухтам ва ин дар тамоми ҳафта барои мо нонхӯриш мешуд. Ба осиё ҷуворӣ бурда орд карда меовардам. Зани Иброҳимхоҷа ҳар ҳафта зағора пухта медод. Беҳтарини хӯроки мо он зимистон ҳалвои тар ва зағора буд...

Ман бозоргардӣ, ошпазӣ ва ҷо-машӯйӣ мекардам, ҳам чоку пораи либосҳоямонро медӯхтам...

*Садриддин Айнӣ*

1. Ҳикояро хонед. Айнӣ дар хона бо кадом корҳо машғул мешудааст?
2. Шумо дар хона ба падару модаратон дар кадом корҳо ёрӣ мерасонед?



## ЧИСТОНҲО

Хона дар пушти хона
Рӯйи оҳан равона.
Оҳан чӣ гуна оҳан?
Хона чӣ гуна хона?



Чист он гул,
ки «тилло» меорад,
Шавад обод,
ҳар кӣ мекорад?



## ЗАРБУЛМАСАЛ

Паррандаро ба парвозаш баҳо диҳанд, одамро ба кораш.

# ЗАБОНИ ТОҶИК

Дурри гаронӣ,
Ширинбаёнӣ,
Хуштар зи ҷонӣ,
Забони тоҷик.

Дар илму ирфон,
Чун шамси тобон
Ҳастӣ дурахшон
Забони тоҷик...

Чун лафзи Ҷомӣ,
Шеъри Низомӣ,
Ҳастӣ гиромӣ,
Забони тоҷик.

*Исҳоқ Ёқубов*

Шоир дар бораи забони тоҷикӣ чӣ мегӯяд? Шумо дар маҳалли худ ба ғайр аз забони тоҷикӣ боз бо кадом забон ҳарф зада метавонед?

# ПАНДҲОИ ЧУ ҚАНД

Камдонӣ — аз камхонӣ.

* * *

Китоб сарчашмаи дониш аст.

* * *

Ба кордон — кор осон.

* * *

Пур дону кам бигӯ.

* * *

Одами бесавод монанди кӯр аст.

* * *

Илм — чароғи ақл.

* * *

То меҳнат накунӣ, роҳат намебинӣ.





# БАҲОР



## ТАРОНАИ ХАЛҚӢ

Баҳор омад ба некрӯзӣ,
Бичин гулҳои наврӯзӣ,
Бипӯш тоқии гулдӯзӣ,
Баҳори лолазор омад.

# БАҲОР

Наврӯзи олам,
Тантана дорад,
Сабза ба пояш,
Дамдама дорад.

Рӯзу шаби он,
Шуда баробар.
Гашта нурафшон,
Ба болои сар,

Обаки чӯйбор,
Сад ҷилва дорад,
Савту сурудаш
Ба гӯш мефорад.

Чаҳ-чаҳи булбул
Дар шохи ҳар гул,
Зеби баҳор аст
Он гули сунбул.

Олам гулистон,
Зи дасти деҳқон.
Бебаҳо макон,
Замин бувад кон.

Абраст машки об,
Ҳар лаҳза борон.
Шиддати кор аст,
Фасли баҳорон.

*Асад Гулзодаи Бухорӣ*



# ЧИСТОН

Хандида гар барояд,
Ба олам нур дарояд...



Мепараду бол надорад,
Ҷингиласар мӯй надорад.



# ЗАРБУЛМАСАЛ

Офтоб гармӣ дораду модар — меҳр.

* * *

Илм ҳоҳӣ, такрор кун,
Ҳосил ҳоҳӣ, шудгор кун.

* * *

Меҳнати имрӯз роҳати фардост.

1. Дар фасли баҳор кадом гулҳо мешукуфанд?

2. Аз дасти кӣ олам гулистон мешавад?

## БОЙЧЕЧАК

Гули хушрӯй, бойчечак,
Гули худрӯй, бойчечак.
Паёми навбаҳорӣ,
Ҳай зеби тоқӣ дорӣ.
Чинамат даста-даста,
Тозон барам ба раста.
Раста пури гул шавад,
Гул зеби кокул шавад.
Ҳар кас туро бибӯяд,
Биболаду бигӯяд:
Бӯйи бойчечак омад,
Тӯйи бойчечак омад!

*Нуъмон Розиқ*

## БУНАФША

Ман зеби ҷӯй мегуфт,
Оростарӯй мегуфт.
Пайғоми навбаҳору
Мушкин ба бӯй мегуфт.

*Акобир Шарифӣ*

Оё Шумо бойчечакро дидаед?

Шеъри «Бойчечак»-ро ифоданок хонед.

Шеъри «Бунафша»-ро аз ёд кунед.

## ТАШАККУР, САИДҶОН!

Саидҷон бегоҳӣ аз мактаб меомад. Ногоҳ ӯ ба чизе пешпо хӯрд. Ба замин нигоҳ карду чашмонаш калон-калон кушода шуда монд. Дар роҳ ҳамёни касе афтода мондааст. Саидҷон ҳамёнро зуд гирифта аз назар

гузаронд. Дар он пул, шиноснома, ҳуҷҷати ҳарбӣ буданд. «Валиев Мурод», охир, ин муаллими худам-ку.

Саидҷон давон-давон ба назди муаллим Валиев рафт.

— Муаллим, инҳо аз они шумост-ку! — гуфт ӯ.

Мурод Валиев, ки дар кучо афтидани ҳамёни худро намедонист, хеле



ғамгин ва хафа менишаст. Аз ёфт шудани ҳамёнаш хеле шод гардид.

— Ташаккур, Саидҷон! — гуфт ӯ. — Чӣ кор карданамро намедонистам. Раҳмат ба ту!

*Бердӣ Умаров*



Ба ҷои Саидҷон шумо мебудед, чӣ кор мекардед?

## ТЕЗГӮЯК

Шокиру Зокир
Ҷӯраи Нодир.
Ботиру Қодир
Ҷӯраи Зокир.
Зокиру Ботир
Ҷӯраи Шокир.
Нодиру Қодир
Ҷӯраи Ботир.
Канӣ, гӯед-чӣ,
Кӣ ҷӯраи кӣ?

*Мавҷуда Ҳакимова*



Шеърҳои аз ёд кардаатонро шуморида бинед. Муайян кунед, ки чанд мисраъ шеър медонед.



# 8-УМИ МАРТ — РӮЗИ ИДИ БОНУВОН

Модар! Ту аз ҳама азизӣ, аз ҳама мӯътабарӣ. Меҳри ту мисли офтоб аст, ки ба олам нур мепошад.

Ту боғбонӣ — боғбони моҳир ва ғамхори фарзандон. Ту чашмаӣ — чашмаи ҳаёти инсон.

Модарҷон, туро бо рӯзи фирӯзат табрик мегӯям. Бароят тамоми хушиҳои оламро орзу менамоям.

Ваъда медиҳам, ки чун фарзанди вафодори халқу Ватан ба камол мерасам.



# АЛЛАИ МОДАРҶОНАМ

Алла, алла, аллаё,
Хобат барад, баччамо.
Шавад гаҳворачунбон,
Ситораҳои само.

Алла бигӯяд маҳтоб,
Баччаи ҷон, зуд бихоб.
Насими форам орад,
Баҳри ту хобаки боб.

Булбулчаҳо биёянд,
Ба гаҳвора дароянд.
Хобаки туро оранд,
Барои ту сароянд.

Хурди ман калон шавад,
Марди қаҳрамон шавад.
Ифтихори ин Ватан,
Нози як ҷаҳон шавад.

*Кавсар Турдиева*

Модар фарзанди худро бо кадом суханҳо алла гуфтааст?



# АЗ ҲАМА БЕҲТАР АСТ



Дар як кӯчаи серодами шаҳр духтарчаи хурдакак бо модараш мерафт. Духтарча дар назди мағозаи калони зочафурӯшӣ бозичаҳои гуногун, лӯхтак ва тӯбҳои рангорангро диду тамошо карда истод. Модараш ин вақт ба мағозаи дигар даромад. Духтарча модарашро ҷустуҷӯ карда, ба ҳар тараф давид. Вай модарашро ёфта натавониста, гиря кард. Одамон аз вай пурсиданд:

— Модари ту чӣ гуна аст?

Духтарча гирякунон гуфт:

— Амак, наход ки шумо надонед? Модари ман аз ҳама беҳтар аст.

*Наргис Ҳалимӣ*

Чаро духтарча модарашро гум кард? Одамон чӣ гуфтанд? Шумо модари худро дӯст медоред?

## МУАММО

Матнро хонед. Ба ҷойи гулчаҳо расмҳои заруриро гузоред. Ҷумлаҳоро пурра карда, ба дафтар рӯбардор кунед.

Пагоҳии барвақт нурпошӣ мекард. Ҳаво гарм шуд. аз болои суфа гирифта сӯйи боғ шитофт. То нисфирӯзӣ ва бисёр ҷамъ кард. Модараш аз онҳо пухт.









# ГУЛИ ҚОҚУ

Ман аз лаби ҷӯ
Бикандам қоқу.
Чун пойҳои ғоз,
Пойҳояш дароз.
Дар сараш кулоҳ,
Сабук мисли коҳ.
Пас бо чолокӣ,
Ба зери тоқӣ,
Мондам онро шод.
Лек омада бод,
Ба монанди дузд
Кулоҳашро бурд.

*Бобо Ҳоҷӣ*

Оё шумо қоқуро дидаед?
Гули қоқу чӣ хел ранг дорад?

Дар бораи қоқу ва дар кадом фасли сол рӯидани он нақл кунед.

Расми қоқуро кашед.

## ОЁ БАҲОРОН ОМАДА?

Боди гулафшон омада,
Овои мурғон омада,
Чӯпон ба илҳом омада,
Оё баҳорон омада?

Абри гузар гирён шуда,
Ҳар сӯ, бубин, борон шуда.
Симу гуҳар арзон шуда,
Оё баҳорон омада?

*Ҳадиса Қурбонова*

## БАҲОРИЯ

*Таронаи халқӣ*

Баҳор омад ба меҳмонӣ,
Ба таърифаш суруд хонӣ,
Ту қадри гул намедонӣ?
Баҳори лолазор омад.

Ба рӯйи сабза борон шуд,
Ҳама олам гулистон шуд,

Камарҳо ҷумла бӯстон шуд,
Баҳори лолазор омад.



*Ово* — овоз.



Шумо дар бораи баҳор кадом шеъру таронаҳои халқиро медонед?



Шеърҳоро аз ёд кунед.



## ДАР ИНТИЗОРИ ЧӮҶАҲО

Ҳангоми баҳорон ба кишвари офтобии мо паррандаҳои гуногун меоянд. То моҳи май кӯчидани паррандагон ба охир мерасад. Онҳо ба сохтани лона ва чӯҷабарорӣ оғоз мекунанд. Ин вақт паррандаҳо хушҳоланд. Онҳо дар интизори чӯҷаҳои худ нағмасароӣ мекунанд.

Дар лонаҳое ки мо барои онҳо сохтаем, низ дар аввали баҳор ғул-ғул зиёд мешавад. Чириқ-чириқи гунҷишкакон мисли садои мусиқӣ ба гӯш хеле форам мерасад.

*Равшан Мӯъминҷонов*

Фасли баҳор, ки омад,
Дунё дар ҷунбуҷӯл шуд,
Мусичаи танбал ҳам
Ба хасковӣ машғул шуд.





# ТУРНА

*Таронаи халқӣ*

Турна қатор меояд,
Арғамчинвор меояд,
Вақти баҳор меояд,
Мавсими кор меояд.
Дар мавсими баҳорон,
Дар домани кӯҳсорон,
Бисёр боло мепарад,
Ғазалсаро мепарад.
Турна қатор арғамчин,
Болохонадор арғамчин.

Баҳорон паррандаҳо чӣ кор мекунанд? Дар бораи баҳор боз кадом таронаҳои халқиро медонед?

## БӮЙИ ХУШИ СУМАНАК

Аз мактаб ба хона омадам. Либосҳоямро иваз кардам. Дар рӯйи ҳавлӣ касе набуд. Ба ошхона рафтам.

— Чӣ мепазед, бибӣ? — пурсидам ман.

— Суманак, духтарам. Охир суманак таоми идонаи наврӯзӣ аст, — гуфт бибиам.

Ман ба ӯ ёрӣ расондам. Рӯзи дигар то аз кор омадани падару модарам суманак пухт. Аз он ҳам худамон хӯрдем ва ҳам ба ҳамсояҳо додем.

Бӯйи хуши суманак ба шарофати бибии ҳунармандам ҳар баҳор аввал дар ҳавлии мо паҳн мегардад. Гӯё бо пухтани суманак ба хонадони мо баҳор меҳмон мешавад.



Суманак чӣ хел таом аст? Чаро суманакро бибиҳо мепазанд? Оё Шумо суманакро дӯст медоред?

## БАЙТҲОИ ХАЛҚӢ

Суманак дар дег, мо кафча занем,
Дигарон дар хоб, мо дафча занем.



Кафча – белчаи чӯбин
Дафча – дафи хурд, дойрача



## ЛОЛА, ЛОЛА, ҲАЙ ЛОЛА

Лола, лола, ҳай лола,
Булбул омад ба нола.
Қаҳ-қаҳа зад кабки маст,
Аз сари кӯҳу ёла.

Кӯҳу чаман пурлола,
Боғу чаман пурлола.
Сӯйи хона меоям,
Ду дасти ман пурлола.

Наврӯзи навбаҳор аст,
Пуштаҳо лолазор аст,

Ҳай-ҳай чӣ хуш баҳор аст,
Ҳай-ҳай чӣ лола зебо.

Дар кӯҳу дашту саҳро
Шуд базми лола барпо.
Ҳай-ҳай, чӣ хуш баҳор аст,
Ҳай-ҳай, чӣ лола зебо.

*Нӯъмон Розиқ*

Шоир дар бораи лола, булбул ва кабки маст чӣ мегӯяд?

## ОБАКИ ШӮХИ БАҲОР

*(Афсона)*

Баҳор омад, барфҳо об шуданд. Ҷӯйча ҳосил шуд. Ҷӯйча аз байни сангҳо барои худ роҳ мекофт. Санги калоне садди роҳаш шуд.

Оби ҷӯйча кӯлмак шуда истода буд, ки аз боло хирс фаромад. Вай об нӯшиданӣ буд.

— Ҷон, Хирсамак! Хайрият, ки шуморо дида мондам. Ҳамин сангро

онсӯйтар гузоред, раҳамро доштааст, — гуфт бо илтиҷо Обаки шӯхи баҳор.

Хирс ҳарчанд ҳаракат кард, сангро аз ҷояш ҷунбонида натавонист. Узр пурсида рафт.

Аз назди кӯлмак Фил мегузашт.

— Ҳой Филамак! Ҳамин сангро аз роҳам бардоред, — гуфт обаки шӯх.

Фил ҳам ҳарчанд кард, сангро ҷунбонида натавониста, монда рафт.

Ногоҳ Мушак пайдо шуд. Об воқеаро ба Мушак ҳам гуфта дод.

— Ҳозир, — гуфт Мушак ва замини таги сангро кофтан гирифт. Хоки зери санг ковок шуд. Санг аз ҷояш ҷунбид ва ба ковокӣ даромада рафт. Садди роҳи об бардошта шуд.

— Раҳмат, Мушпаҳлавон! — гуфт Об ва ба сӯйи водӣ шитофт.



Афсонаро хонед ва бо ёрии падару модаратон номи ҷӯй, сой, дарё ё кӯлҳои маҳалли зистатонро гӯед.



# ИДИ НАВРӮЗ



# ИЛМ ЧАРОҒИ АҚЛ АСТ



## ДӮСТИ БЕҲТАРИН

Бо вай як ҷо нишинам,
Тани танҳо нишинам.
Аз ӯ дил гирад ором,
Пухта шавам, бошам хом.
Чӣ дӯсте? Сар то по панд
Надорад ҳилаву фанд.
Китобаки безабон,
Омӯзад чандин забон.
Аз кимёву аз ҳисоб
Чӣ гӯяд сухан? Китоб!

*Маҳбуба Неъматзода*

# МАКТАБИ МО

Мактаби мо дар бинои калони сафед ҷой гирифта, синфҳо равшан ва озода, фаршҳо ҳама тахтагин, дар ҳар синф ду қатор партаҳои сиёҳ гузошта шуда буд.

Мактаби деҳагии мо, ки дар анбори як дараҷа таъмиршуда ҷой гирифта буд, бо мактаби намунаи Тӯс асло баробар шуда наметавонист. Рӯйи ҳавлии калони мактаб ҳамеша об зада рӯфтагӣ, аз байнаш ҷӯйи об равон, он тарафи ҷӯй боғ буд.

Дар саҳни мактаб мо дарси варзишро мегузарондем. Дар боғ бошад, дар вақти танаффус бозӣ мекардем.

*Сотим Улуғзода*

# МАҚОЛҲО

Нури ақл дониш аст.

* * *

Кор накӯ шавад, аммо ба сабр.

# ҲАДИСҲО

Шифои нодонӣ пурсиш аст.

* * *

Суханчин шарики шайтон аст.

Шумо аз мазмуни матн чиро фаҳмидед? Синф ва мактаби худро бо синф ва мактаби нависанда муқоиса кунед.

# АБӮАЛӢ ВА КӮДАКИ ЗИРАК

Рӯзе Абӯалӣ барои коре ба назди дӯконе рафт. Дар он ҷо ӯ дид, ки кӯдаки хурдсоле ба назди соҳиби дӯкон омада гуфт:

— Устодам маро фиристод, то барояш оташ бубарам.

Бача дар даст барои бурдани оташ чизе надошт. Дӯкондор дар ҳайрат монда пурсид:

— Оташро чӣ тавр мебарӣ, чун зарфе наовардӣ?

Бача ба кафи дасти худ хокистар рехт, ба болои он лахчаҳои оташро гузошт ва равон шуд.

Дӯкондор гуфт:

— Эй фарзанд, ту хеле зирак будаӣ. Агар роҳи донишро пеш гирӣ, донишманди машҳур мешавӣ.

Бача гуфт:

— Монанди ман дар ин шаҳр бачаҳо зиёданд, аммо мо шароити таҳсил надорем.

Абӯалӣ аз заковати бача тааҷҷуб кард ва орзуманд шуд, ки шояд рӯзе расад, ки ҳамаи бачагон аз роҳи дониш баҳравар шаванд.

Ҳамин орзуи Сино ҳоло ҷомаи амал пӯшид.

*Сотим Улуғзода*



Заковати одам аз чӣ маълум мешавад?



## КАЛЛАКАДУ

Китоби «Алифбо» дар даст Малика ба баррачаи навзод «таълим» медод.

— Ана, ин ҳарфи «А». Дидӣ? Канӣ, акнун «А» гӯ!

Баррача гӯё талабаи кунду карахте бошад, ҳушаш ба сӯйи модараш чизе нагуфт.

— Ҳӯ, каллаварам! — ӯро сарзаниш кард «муаллима». — Мана ин ҳарфи «А»! Чашматро калон кушода, дурусттар бин. Дидӣ, кӯр?! Канӣ акнун «А» гӯ!

— Бе-е! — овоз баровард баррача.

— Ҳӯ ҳайвон, ҳоло мо ба ҳарфи «Б» наомадем. «Алифбо» аз ҳарфи «А» сар мешавад. Аввал «А». Канӣ, «А» гӯ, — апааш чӣ хел ба ӯ таълим дода бошад, вай ҳам ба баррача сабақ омӯхтан мехост.

— «А»!

— Бе-е! — ин дафъа баррача аз «Алифбо» рӯ гардонд.



Малика бо қаҳр ҳарфи «А»-ро ба пеши чашмони баррача наздиктар бурда, талаб кард:

— «А»!

— Бе!

— Уф! — ӯ ба сари «шогирд»-и гарангаш бо китоб зад ва назди модараш, ки муаллима аст, омада шикоят кард. — Модарҷон, баррачемо ҳеҷ балоя намедонад. Каллакаду барин, ман «А» гӯям, вай «Б» мегӯяд. Ба вай баҳои ду монед...

*Бахтиёри Ҷумъа*



Малика ба баррача чӣ гуна «таълим» дод? Оё модар ба баррача баҳо мемонад?



## СӮҲБАТИ ДУ МИРЗО*

(*Ривоят*)

Мирзоҳои ду ҳокимхона рӯзе бо ҳамдигар вохӯрда ҳолпурсӣ карданд.

* Мирзо — хаттот, хатнавис.

— Аҳволат чӣ тавр? — гуфта пурсид яке аз онҳо. Мирзои дуюм ҷавоб дод:

— Аҳволам нағз. Ҳар моҳ ду ҳисса маош мегирам: як ҳисса барои навиштани ҳар гуна ҳуҷҷатҳо ва як ҳиссаи дигар барои хонда додани он навиштагиҳоям, чунки хати маро ғайр аз худам касе хонда наметавонад.

Мирзои якум аз шунидани ин сухан оҳ кашида гуфт:

— Аҳволи маро пурсӣ, бисёр бад. Фақат нисфи маоши ҳармоҳаамро медиҳанд. Чунки хати навиштагиамро худам ҳам хонда наметавонам...

## ҲАДИС

Як соат вақти худро ба илмомӯзӣ бахшидан, ба як рӯз рӯза гирифтан баробар аст.

Мирзои якум чӣ гуфт? Мирзои дуюм чӣ? Аз гуфтаи ҳар ду мирзо чӣ хулоса баровардед?

## МУШАК ВА ГУРБАЧА

Рӯзе Мушак ва Гурбача ба якдигар вохӯрданд.

— Ман туро мехӯрам! — гуфт Гурбача.

— Ман розӣ, — ҷавоб дод Мушак, — лекин аввал ба як саволи ман ҷавоб деҳ.

— Чӣ савол дорӣ?

— Ту чандсолаӣ?

— Ман яксола.



— Ман бошам, чорсола, — гуфт Мушак ва афзуд, — ту шарм намедорӣ, ки мушаки аз худат се сол калонро хӯрӣ?

Гурбача шарм дошту рафт.



1. Гурбача ба Мушак чӣ гуфт?
2. Барои чӣ Гурбача шарм дошта рафт?



## ҒОЗИ ХУДПИСАНД

Як ғоз дар об шино карда, худро таъриф мекард:

— Дар олам ба мисли ман паррандаи ҳунарманд набудагист. Дар замин мегардам, дар об шино мекунам, дар ҳаво парвоз мекунам. Як худам се ҳунар дорам.

Қурбоққае ин гапҳои ғозро шунида гуфт:

— Эй бародар, ин қадар худатро таъриф накунӣ ҳам, мешавад. Чунки чун моҳӣ шино карда наметавонӣ, мисли оҳу давида наметавонӣ, чун лочин парвоз карда наметавонӣ. Аз нопурра донистани се ҳунар, як ҳунарро аз худ кардан маъқултар аст.

*Абдулло Авлонӣ*



Ғоз худро чӣ гуна таъриф мекард? Қурбоққа ба таърифҳои ғоз чӣ ҷавоб дод?

# ЧИСТОН



Худаш ҳафт дона,
Номаш ягона.



# ИБНИ МАЪМУН

Ин воқеа дар замонҳои хеле қадим рӯй дода буд. Он вақтҳо мактаб набуд.

Доништалабон дар дасти домуллоҳои маҳаллӣ савод мебаровarданд. Калонтар шаванд, дар мадрасаҳо мехонданд. Мадрасаҳо танҳо дар шаҳрҳои калон мавҷуд буданд. Ба он ҷо рафтан машаққатҳои зиёд дошт.

Аз гӯшаву канори дунё ба шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд ва Хеваи кишвари мо доништалабон омада мехонданд.

Ана дар ҳамон замонҳо Ибни Маъмун ном яке аз подшоҳони одил ва илмдӯст мактабе ташкил кард, ки дар ҳамон вақт беҳтарин буд. Он бо номи «Дор-ул ҳикма» ё «Академияи Маъмун» маълуму машҳур буд.

Дар ин даргоҳи муқаддаси дониш Ибни Сино ва Абӯрайҳон Берунӣ барин донишмандони бузург низ дониш гирифта, дониши худро ба дигарон омӯзондаанд.

*У. Ғаффоров*

Сулола – насл, авлод, оила ё хонадон.
«Дор-ул ҳикма» – хонаи дониш.

Ибни Маъмун кӣ буд? Ӯ чӣ кор кардааст?

# КИТОБ ОФТОБИ МОСТ

Чу нур медиҳад ба дил,
Китоб офтоби мост.
Ба ҳар саволи зиндагӣ
Ҷавоб дар китоби мост.

Аз ошноӣ бо китоб
Ҳаким мешавем мо.
Дар ошноии китоб
Салим мешавем мо...

Азиз гардад он ки вай
Китобро кунад азиз.
Чу аз китоб мебарад
Ҷаҳони ҳикмату тамиз.

*Паймон*



*Ҳаким* — *донишманд*

*Салим* — солим, сиҳат ва саломат

Шоир чаро китобро офтоб номидааст? Барои чӣ шоир мехоҳад, ки бо китоб ошно бошед ва китоб рафиқатон гардад?

Шеърро ифоданок хонед.



# ДУОИ МОМОИ ПИР

Сафар ва Зафар ном бачаҳои баодобу хушзеҳн ҳамсоя буданд.

Боре онҳо вақти аз мактаб баргаштан дар роҳ ба як момои пир вохӯрданд. Дар дасти момо асое буд аз чӯби кақи суфтанашуда. Чашми Зафар ба он афтод. Кафи момо аз теғаҳои дурушту барҷастаи чӯб хуншор шуда буд.

— Аз куҷо меоед, момоҷон? Биёед, мо ба шумо ёрӣ диҳем, — гуфта бачаҳо наздаш омаданд.

— Аз Деҳи Боло бачаяконам, — ҷавоб дод кампир.

— Ҳа-а, шумо ба хонаи Майсараино рафта истодаед-мӣ? Мо ба шумо роҳро нишон медиҳем, — гуфта бачаҳо ӯро ба ҳавлии гуфтааш бурда монданд. Зафар гуфт:

— Момоҷон, ҳамин асоятонро диҳед, мо як устокориамонро нишон диҳем. Шумо баҳузур нишаста, як пиёла чой нӯшед. Мо асоятонро табъи дилатон карда оварда медиҳем.

Бачаҳо ба устохонаи мактаб рафта асоро ранда карданд. Дастакашро моҳирона бо чарм печониданд.

То гашти рӯз бачаҳо асоро ба момо оварданд. Момо асояшро дида шодӣ кард ва сари онҳоро сила карда даст ба дуо кушод:

— Илоҳо, хокро гиред, зар шавад!

*Н. Қосимӣ*

## ЗАРБУЛМАСАЛҲО

Дасти одамизод — гул.

* * *

Ба як ҷавон чил ҳунар кам.

Бачаҳо аз куҷо меомаданд? Дар роҳ ба кӣ вохӯрданд? Момо чӣ гуфта онҳоро дуо кард?

# СУМКА

Маликаву модараш ба меҳмонӣ — ба хонаи бибиаш рафтанд. Дар бозгашт, ки то хона роҳ чандон дур набуд, пиёда омаданд. Раҳораҳ Малика беист гап мезаду модараш мешунавид.

Онҳо хеле роҳ гаштанд. Малика хаста шуда аз модараш пурсид:

— Модарҷон, шумо монда нашудед?

— Не, духтарҷон, — ҷавоб дод модар.

— Даҳони ту чӣ? Дард накард?

— Не! — Бо мамнуният аз он ки даҳонаш дард накард, — ҷавоб дод ӯ.

Дар дасти модар сумка буд. Малика ба он нигариста гуфт:

— Модарҷон, дасти шумо дард накард?

— Дард кард, духтарҷон.

— Ин хел бошад, биёед, сумкаро ман бардорам.

— Асалакам, сумка вазнин, ту бардошта наметавонӣ, — гуфт модар.

— Не модарҷон, диҳед, ман бардорам. Дастатон дард карда бошад, ба шумо ёрӣ мешавад, — якравӣ кард Малика.

Модар ноилоҷ сумкаро ба ӯ дод.

— Модарҷон, — ин дафъа гуфт Малика, — акнун шумо мана бардоред!

*Бахтиёри Ҷумъа*

1. Малика ва модар ба куҷо рафтанд?
2. Малика чӣ гуфт?

## БОЗӢ-МУСОБИҚАИ “КӢ ТЕЗТАР МЕНАВИСАД?”

**шутур** +   + **гул**

# НАСИҲАТИ ХАЛҚ — КАЛИДИ БАХТ



## ПАНДҲОИ ЛУҚМОНИ ҲАКИМ

Эй писараки ман, ҳикматро талаб кун, вақте ки ту боҳикмат шавӣ, чашми ту равшан шавад.

* * *

Бидон, ки изҳоркунандаи ҳикмат забон аст. То метавонӣ, онро ҳифз кун.

# РАФТОРИ ХУБ

Сӯҳроб аз мактаб меомад. Аз назди вай зане гузашт, ки Адибахола ном дошт. Вай аз сумкааш рӯймолча гирифт. Пули дар рӯймолча будааш ба замин афтод. Вай инро нафаҳмид. Сӯҳроб пулро гирифта, занро фарёд кард. Вай ба қафо нигарист. Сӯҳроб пулро ба соҳибаш дод. Вай ба Сӯҳроб миннатдорӣ баён кард.

*Акбар Қодирӣ*

Сӯҳроб чӣ кор кард? Рафтори Сӯҳроб хуб аст ё бад?

# ВОРИС

Фарзанди ҳушманди ман,
Ҷону ҷигарбанди ман.
Номат бувад Ҷаҳонгир,
Замину осмонро гир.
На бо камону шамшер,
Бо панду ҳикмату шеър.

Дидаи биноӣ ту,
Ворисн Синоӣ ту.
Ҳарфи диламро шунав,
Алломаи замон шав.
Пайванди ду ҷаҳонам,
Бо ту ман зинда монам.

*Асад Гулзодаи Бухороӣ*



Шеърро аз ёд кунед. Насиҳатҳои шоирро номбар кунед.



## ҶАВОБИ БЕҲТАРИН

*Ҳикояи чинӣ*

— Имрӯз «анъанаи чойдамкунӣ»-ро ёд мегирем, — гуфт муаллим ва ба шогирдонаш коғазеро дод, ки матнашро аз худ кунанд.

Шогирдон тамоми навиштаҳои коғазро хонданд. Муаллим пурсид:

— Чиҳоро аз худ кардед?

Яке аз шогирдон бо ифтихор гуфт:

— Аввал чойникро шустан лозим.

— Баъд ба чойник чой андохтан даркор, — гуфт шогирди дуюм.

— Оби ҷӯшро ба чойник рехтан даркор, — гуфт сеюмӣ. Танҳо шогирди охирин чизе нагуфт. Ӯ хомӯшона чойникро гирифт ва бо тамоми қоидаҳояш чойро дам карда оварда, ба муаллимаш дароз кард.

— Ташаккур, ҷавоби ту беҳтарин буд, — гуфт муаллим. — Ту чойи бисёр



хушмаза дам карді. Яъне, аз рӯйи қоидаи «Дар бораи омӯхтаат нақл кун», амал карді.

«Муаллим, о ин шогирдатон ягон ҳикояе накард-ку?» — эътироз кард яке. «Кор ҳама вақт нисбат ба сухан баландтар садо медиҳад» — гуфт дар ҷавоб муаллим.

Муаллим ба шогирдонаш чӣ вазифа дод? Шогирдон чӣ кор карданд?

## ЗАРБУЛМАСАЛ

Инсон бо забонаш не, бояд бо амалаш сухан гӯяд.

## ТАБАССУМ

Муаллим аз донишомӯз пурсид:

— Номи панҷто ҳайвонро номбар кунед.

Донишомӯз ҷавоб дод:

— Дуто маймун ва сето фил.

Муаллим ба шогирдон чӣ вазифа дод? Шогирдон чӣ кор карданд?

## ДУОИ ХАЙР

Бобоҷони ман офтоб,
Momoҷони ман моҳтоб.
Ҳар ду нури ҳаётанд,
Аз умр дар нишотанд.
Хазинаи панд ҳастанд,
Бар мову ту дил бастанд.
Роҳи мо равшан кунанд,
Марзи дил гулшан кунанд.
Амрашон иҷро кунем,
Хизмати онҳо кунем.
То кунанд моро дуо,
Ҳамин аст мақсади мо.

*Асад Гулзодаи Бухороӣ*

Оё Шумо низ барои гирифтани дуои бобо ва момоятон кӯшиш мекунед?

Шеърро аз ёд кунед.



Дуоҳои бобо ва момоятонро ба хотир оред.



## ЭҲТИРОМ

Бидон, ки хиради фарзанд дар ҳурмати падару модар аст. Зеро онҳо аз баҳри ту хештанро ба куштан диҳанд.

Зинҳор падару модаратро хор мадор. Падару модар бунёдгузори некӣ ва нафси туанд.

Ба падару модари худ нек бош. Зеро одамӣ ҳамчун мева аст ва падару модар ҳамчун дарахт. Агар дарахтеро хуб нигоҳубин кунӣ, меваи беҳтар гирӣ. Агар падару модарро ҳурмату шафқат кунӣ, ба хушнудии онҳо наздиктар мешавӣ.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Чаро падару модарро эҳтиром бояд кард?

# НАСИҲАТИ БОБО САЛОМ

Ростгӯӣ, баодобӣ, забони хуш, рӯйи хуш одати неки одам аст. Барои соҳиб шудан ба ин одатҳо аз хурдӣ кӯшиш кунед.

Бахилӣ бори вазнин аст. Агар кас аз хурдӣ вазнинияшро нафаҳмад, тамоми умр онро ба дӯши худ мебардорад. Некӣ, дӯстӣ, ёрӣ, меҳру муҳаббат тӯшаи ҳаёти инсон аст.

*Равшан Мӯъминҷонов*

* * *

Ҷавонони кироми, аз ҷавонӣ
Биёмӯзед тарзи зиндагонӣ!
Ба хулқи неку бо одобу кирдор
Шавед ин халқу давлатро сазовор.

*Муҳаммадҷон Раҳимӣ*



Насиҳатҳои Бобо Саломро доимо дар хотир доред!



# ДУ БУЗИЧА

*Нақл аз рӯйи расм*

Расмро бодиққат аз назар гузаронед ва аз хусуси рафтори ду бузича нақл кунед.





! Аз рӯйи расм ҳикоя тартиб диҳед.

# САХОВАТ

Саид ном писараке буд. Падараш ҳар рӯз барои нонушта даҳ тин пул медод. Рӯзе дар роҳ ба камбағале вохӯрд. Вай ба Саид гуфт:

— Ду рӯз аст, ки гушнаам. Чизе харида хӯрам гӯям, ба ғайри ҳамин ҷомаи дарида чизе надорам. Камтар пул диҳӣ, савоб мешавад.

Саид ба ҳоли ӯ раҳмаш омада пулашро дод. Камбағал «офарин» гуфта дуо кард.



Ӯ ҳамон рӯз гурусна монд, аммо тоқат кард. Баъд аз дарсҳо ба хона омад ва воқеаро ба падараш гуфт. Падар аз кори Саид хурсанд шуд ва ба ӯ ҳар рӯз бист тинӣ доданро ваъда кард.

Саиди саховатпеша ба даҳ тин хӯрок мехӯрд, панҷ тинашро ба камбағалон медод ва панҷ тинро ҷамъ карда шахси сарватманде шуд.

*Абдулло Авлонӣ*

Падар ба писар чанд пул медод?
Саид чӣ кор кард?

## ВАРЗИШИ ФИКР

Аз калимаҳои поёнӣ истифода бурда, зарбулмасалро пурра кунед.

Аввал бубин .... худ, баъд бимон .... худ.

КОСАИ ПОЙИ ХОНАИ САРИ ҶОЙИ

# ҲУНАР ОМӮЗЕД

Ҳакиме писаронашро панд медод, ки ба мулку давлати дунё бовар накунанд ва симу зар дар сафар хатар аст: ё дузд мебарад, ё хоҷа мехӯрад. Аммо ҳунар чашмаи зоянда аст ва давлати поянда. Агар ҳунарманд аз давлат биафтад, ғам набошад. Ҳунарманд худ давлат аст. Ҳар ҷо ки равад, қадр бинад ва дар боло нишинад ва бо ҳунар луқма ҷӯяду сахтӣ набинад.

*Саъдии Шерозӣ*

## АЗ САРҲАРФИ РАСМҲО НАСАБИ ШОИРИ БАЧАГОНРО ЁБЕД



Ҳаким ба писаронаш чӣ панд медод? Шумо дар оянда кӣ шудан меҳоҳед?

# НОБИНО ВА ЛАҚҚӢ

(*Латифаи халқӣ*)

Нобиное дар шаби торик чароғ дар даст ва кӯзае бар дӯш мерафт. Лаққие ба ӯ расида гуфт:

— Эй нодон, рӯзу шаб пеши ту як сон аст, равшанӣ ва торикӣ дар чашми ту баробар. Пас ин чароғро фоида чист? Нобино бихандид ва гуфт:

— Ин чароғ на аз баҳри худ аст, аз барои ту барин кӯрдилони бехирад аст, то ба ман пахлу назананд ва кӯзаи маро нашикананд.

## НОМИ ЯКЕ АЗ ОНҲОРО ЁБЕД

| А | Ў | Р | Ш | Х | Г | Ч | А |
|---|---|---|---|---|---|---|---|





*Кӯзае бар дӯш мерафт* — кӯзаеро дошта мерафт. *Як сон* — як хел. *Лаққӣ* — сергап, серҷоғ.

1. Нобино ба лаққӣ чӣ гуфт?
2. Лаққӣ чӣ ҷавоб дод?

## ҲАРФҶАДВАЛ

Агар катакчаҳоро бо номи паррандаҳо ва ҳайвонот пур кунед, номи фасли сол ҳосил мешавад.








# ДОДОМ МЕХОНАД КИТОБ

Майна, макун ту чур-чур,
Мошон, макун ту хур-хур,
Мошин, макун ту ғур-ғур,
Додом мехонад китоб.

Дилафрӯзу Дилором
Хобидаанд ором,
Зери дарахти бодом
Додом мехонад китоб.

Ҳар гаҳ ки калон шавам,
Чун ӯ китобхон шавам.
Бачаи пурдон шавам,
Додом мехонад китоб.

*Гулназар Келдӣ*

Шеърро хонед ва калимаҳои мушкилфаҳмро ба дафтар нависед.

# ОДОБ ҲУСНИ ИНСОН АСТ



## ПАНДҲОИ РАСУЛИ АКРАМ (С)

Беҳтарин рафиқ он аст, ки ба кори хайр роҳбарӣ кунад.

* * *

Се чиз рафоқат ва дӯстиро холису беолоиш кунад: айби рафиқро ба вай гуфтан, обрӯяшро нигоҳ доштан, кӯмак дар вақти сахтӣ.

# ХИСЛАТИ ХУБИ ИНСОН

Шерзод аз падараш пурсид: — Хислати аз ҳама хуби инсон чист?

Падар гуфт:

— Одоби он. Одамро аввал аз одоби ӯ мешиносанд. Дар вақти сӯҳбат ва гуфтугӯ бо дӯстонат сухан дониста гӯй. Ҳаргиз миёни сухани ҳамсӯҳбататро набур. Агар дар бораи воқеаи ба ту маълум нақл намояд, сабр бояд кард.

Дар ғоиби шахсе ғайбат набояд кард. Агар донӣ, ки рафиқат кори баде кардааст, ё одати баде дорад, онро далерона ба рӯяш гӯй.

Ҳазлу шӯхӣ сӯҳбатро оро медиҳад. Аммо агар касеро ранҷонӣ, оқибати хуб надорад.

Шерзод ҳамаи суханҳои падарашро гӯш карда истоду гуфт:

— Ана, ман ҳам суханонатонро набурида гӯш кардам.

*И. Муқаддас*

Кадом хислат хислати аз ҳама хуби инсон будааст?

## ЗАРБУЛМАСАЛ

Сухан зар, аст сабр гавҳар.

Беолоиш — беғубор, тоза.

## МИННАТДОРӢ

— Бедаки маҷнун
Маҳзунӣ чаро?
Сари худро хам
Мекунӣ чаро?



— Чун ёфтам ризқ,
Аз домани хок,
Сар хам мекунам,
Бар ин хоки пок.

*Нарзулло Тиллозода*

## ЗАРБУЛМАСАЛ

Адаб беҳтарин ганҷ аст.

## ҲАДИС

Адаби мард беҳтар аз тиллои ӯст.

## МУАММО

Кадом китоби дарсии шумо ба масъалаи одоб бахшида шудааст? Ҳарфҳоро ҷо ба ҷо гузошта, номи онро ёбед.

О Б О Д М О Н А



# СЕ ҶЕҒИ ХУРӮС

Хурӯсе субҳи барвақт аз хоб бархесту ҷеғ зад.

Гамбусаке дар он наздикӣ буд. Вай нороҳат шуда гуфт:

— Эй хурӯс, ту хоби маро паррондӣ. Ин корат хуб нест.

Хурӯс гуфт:

— Эй гамбусаки хоболудак! Ман навакак як бор ҷеғ задам, Ҳоло боз ду бори дигар ҷеғ мезанам. Ту тайёр бош!

— Ин ҷеғи ту барои кӣ буд? — пурсид гамбусак.

Хурӯс чунин ҷавоб дод:

— Ман бори аввал барои мардуми бедор ҷеғ мезанам. Онҳоро мегӯям, ки ҳоло субҳ медамаду аз ҷой бархезанд. Бори дуюм барои мардуми хоболуд ҷеғ мезанам. Онҳоро мегӯям, ки аз хоб бедор шаванд. Бори сеюм барои мардуми мурда ҷеғ



мезанам. Онҳоро мегӯям, ки зинда шаванд.

Гамбусак аз ин ҷавоби хурӯс ҳайрон шуд ва пурсид:

— Ман ба кадоми ин се тоифа мансубам?

— Ту инро худат муайян кун! — ҷавоб дод хурӯс.

*Абдусаттори Раҳмон*



Хурӯс барои киҳо ҷеғ мезадааст? Гӯед, ки Шумо бе ёрии калонсолон ҳар саҳар аз хоб хеста метавонед?



# ЧИҲО ПАЗАД?

Ҷамилаҷон бадаступо,
Таом пазад барои мо.
Ҳавас кунад ба кори ӯ
Пазандаи пазандаҳо.

Саҳар хезад, хамир кунад,
Кулча кунад, фатир кунад.
Чиҳо пазад вай аз хамир?
Аз ин муаммо ёбу гир.

*Латофат Кенҷаева*

Ҷамилаҷон ҳар саҳар чӣ корҳоро иҷро мекардааст? Аз хамир чиҳо пухтан мумкин аст?

Баъди дарс ба модаратон дар корҳои хона ёрӣ диҳед.



Шеърро аз ёд кунед.



# СЕ ТАНБАЛ

Се танбал ба боғ даромаданд.

Яке гуфт:

— Биёед, себ чида мехӯрем!

Дигаре гуфт:

— Ихтиёр доред!

Сеюмӣ гуфт:

— Себ чида хӯрдан чӣ лозим? Дар зери дарахт дароз кашида даҳонамонро мекушоем. Себ рост ба даҳонамон меафтад. Танбалҳо дар зери дарахти себ дароз кашида даҳонашонро кушоданд. Яке хавотир шуда аз ҷой бархесту гуфт:

— Агар ба даҳонамон себ афтад, онро газидан даркор. Не, намешавад.

Дигарӣ гуфт:

— Рост гуфтед. Бархезед, ба хонаҳоямон меравем.

Сеюмӣ гуфт:

— Кори хуб кардед!



Танбалҳо ба куҷо даромаданд?
Онҳо чӣ кор карданӣ шуданд?



## БАЧАИ ГАПГИР

Дорам писар ҳамчун гуле
Ширинсухан чун булбуле.
Гапгираку гапгӯшдор,
Ҳушёру шӯху беқарор.

Гӯям агар:
— Ҷони падар,
Бархез мисли ман саҳар,
Машқи бадан бо ҳам кунем,
То хешро бардам кунем.

Ҳар чӣ, ки хоҳиш мекунам,
Ё ки супориш мекунам.
Дасташ гирифта пеши бар,
Мегӯяд ӯ:
— Майлаш падар!

*Шоҳмузаффар Ёдгорӣ*

Падар писарашро чӣ хел таъриф мекунад?

# ЁРДАМЧИИ МОДАР

Замира аз мактаб омад. Модараш ҳанӯз аз кор наомада буд. Замира либосҳояшро дигар карда, пойафзолашро тоза кард. Баъд хонаро рӯбучин кард ва ба шустани зарфҳо овора шуд. Модар аз кор баргашт. Вай ёрдамчии хурдсоли худро таъриф кард.

*(Аз маҷаллаи «Чашма»)*



Замира аз мактаб омада чӣ кор кард? Рафтори ӯро муҳокима кунед.

# МО ШОДЕМ

Як шадда марҷон ёфтем,
Ману Умарҷон ёфтем.
Дар канори ҷӯ ёфтем,
Марҷони хушрӯ ёфтем.
Кофта, ҳар сӯ давидем,
Соҳибашро надидем.
Нишаста буд дар харак
Якто милисаамак,
Ба ӯ гуфтем: «Амакҷон,
Ана, як шадда марҷон.
Гиреду дер намонед,
Ба соҳибаш расонед».
Марҷонро ба ӯ додем,
Аз кори худ мо шодем.

*Болта Насриев*

Бачаҳо чӣ ёфтанд? Агар Шумо ба ҷойи онҳо мебудед, чӣ кор мекардед?

# УҚОБ ВА ЗАНБӮРИ АСАЛ

Уқоб ба занбӯри асал гуфт: «Ба ту хашм дорам. Ту доим кор мекунӣ. Гоҳ дар барги гуле нишаста асал мебарорӣ. Рӯзи дароз оворай. Ягон дақиқа ҳам ором намегирӣ. Гӯй, охир, ҳамаи ин барои чӣ? Магар хизмати туро ягон кас қадр мекунад?»

Занбӯри асал ҷавоб дод: «Ту кори худатро мекунӣ, ман кори худамро. Вақте ки ман ба орухона менигарам, қатрае аз асали худамро мебинам. Ҳамин маро шод мегардонад».

*Аъзам Сидқӣ*



Уқоб ба занбӯри асал чӣ гуфт?
Занбӯри асал чӣ ҷавоб дод?

# МЕҲНАТ ШАРАФ АСТ



## ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲО

Меҳнат фаровон мекунад,
Танбалӣ вайрон мекунад.

* * *

Меҳнати ҳалол — нони бемалол.

* * *

Бе ранҷ наояд ганҷ.

# ҲАЙ, БАРАКАЛЛО!

Рафтам дирӯз меҳмонӣ,
Ҳавлии бобо.
Як лаҳзаяк нишастам
Пешаки момо.
Бо хокистар бишустам
Чойҷӯши момо,
Покиза кардам аз гард,
Ҷевони бобо.
Тубакҳои пур аз гул
Бурдам ба берун,
Шишаи тирезаро
Шустам бо собун.
Шуд хонаи момоям
Равшану зебо,
Момоям гуфт: — Офарин,
Ҳай, баракалло!...

*Маҳбуба Неъматзода*

Шумо низ дар корҳои хона ба падару модаратон ёрӣ медиҳед?

# ЁРИРАСОНИ МОДАР

Субҳи мунаввар ояд,
Офтоб рӯ намояд.
Чаққон шуда Дурдона
Мебарояд аз хона.
Ба барраву бузғола,
Ба мурғу ба гӯсола
Обу алаф медиҳад,
Дона ба каф медиҳад.

Пас то таги дарвоза
Рӯйи ҳавлиро тоза
Рӯбучин менамояд,
Дилнишин менамояд.
Дурдона ҷони модар,
Ёрирасони модар.



*Болта Насриев*

Дурдона чӣ кор мекунад? Шумо ҳар саҳар аз хоб хеста ба кадом корҳои падару модаратон ёрӣ медиҳед?

## КӮМАКРАСОН

Момоҷони азизам,
Шуморо дӯст медорам.
Асоятонро монед,
Онро ман мебардорам!

## БОЗӢ

Бозӣ «Ҳа, ҳа, ҳа...» ва «Не, не, не...» ном дорад. Бачаҳо дунафарӣ бо навбат ба ҳамдигар савол медиҳанд. Кадоме зуд ва бехато ҷавоб гуфта натавонист, аз бозӣ мебарояд. Саволҳоро худатон тартиб диҳед. *Намуна:*

— Офтоб гарм аст — ҳа, ҳа, ҳа!
— Борон тез аст — не, не, не!
— Обро нӯшанд — ҳа, ҳа, ҳа!
— Чойро хоянд — не, не, не!
— Мошин мепарад — не, не, не!
— Шаҳло хоб аст — не, не, не!

# ЧИСТОН

Аспе дорам беозор,
Хушсурату хушрафтор.
Монда намешавад ҳеҷ,
Доим ба гаштан тайёр.
Хӯрокаш обу бензин,
Поҳош бошанд аз резин.



*Абдусалом Деҳотӣ*

# ЛУҚМАИ ҲАЛОЛ

Сӯҳроб мӯрчаякеро дид, ки бо азоб донаи аз худаш калонро кашолакунон мебурд. Дили Сӯҳробҷон ба ҳоли мӯрчаяк сӯхт. Аз рӯйи дастархон нонрезаеро гирифта, пеши роҳи мӯрчаяк гузошт. Мӯрчаяк дар атрофи нонреза давр заду ба роҳи худ равон шуд. Аз ин кори мӯрчаяк қаҳри Сӯҳробҷон омаду ба бобояш гуфт:

— Ман ба вай нағзӣ кардаму ӯ ба сӯйи нон наздик ҳам нашуд.

Бобо ҷавоб дод:

— Писарҷон, мӯрчаҳо бисёр меҳнаткашанд. Онҳо нони бемеҳнатро намехӯранд, чунки нони бемеҳнат ҳаром аст. Барои ҳамин ҳам луқмаи худро ҳалол карда хӯрдан беҳтар аст.

*Насим Раҷаб*

Сӯҳроб чиро дид? Чаро дили Сӯҳробҷон ба мӯрчаяк сӯхт? Барои чӣ мӯрчаяк нонрезаро нагирифт?

## МОДАРКАЛОН ВА ПЕТРИК

Дар яке аз рӯзҳои баҳорӣ модаркалон наберачаашро ҳамроҳ ба сайри ҷангал гирифт. Пеш аз ба роҳ баромадан ӯ ба дасти Петрик сабадчаеро бо хӯрок ва зарферо бо об дод. Ба Петрики танбал пас аз чанде роҳ гаштан, тӯшаи роҳ ваз-

нинӣ кард. Модаркалонаш тӯшаро худаш бардошта рафт.

Дар ҷангал онҳо ба ҷойе нишастанд. Дере нагузашта ба дарахти ҳамсоя паррандаи хурдакаке нишаст. Дар минқор тори мӯйе дошт.

Петрик оҳиста ба дарахт баромад ва дар шохи он лонаи калони аз мӯй сохташударо дид.

Парранда тез парида рафт ва бо тори мӯйи дигар ба лонааш баргашт. Чашмони Петрик аз аҷоибот калон-калон кушода шудаанд.

— Бибиҷон, – гуфт ӯ бо овози паст, – наход, ки ин парранда ҳар гоҳ яктогӣ тори мӯй оварда, ин лонаи калонро сохта бошад?

– Ҳа, – ҷавоб дод бибиаш. – Ин паррандаи хеле меҳнатдӯст аст. Петрик ба фикр фурӯ рафт. Пас аз чанд лаҳза вай гуфт:

– Бибиҷон, сабадчаро худам барам, майлаш? Палтои шуморо низ мебарам.

*Василий Сухомлинский*



Ҳикояро хонда нақл кунед.

## ҲАЙВОНОТИ ХОНАГӢ

Аз расмҳои мазкур ҳайвоноти хонагиро ҷудо кунед.



Оё шумо медонед, ки танҳо бо шарофати меҳнати одамон баъзе намудҳои ҳайвонот ба шароити хона ром кунонида шудаанд? Барои ин кор ба одамон садҳо ҳазор сол зарур шуд. Онҳоро ҳайвоноти хонагӣ меноманд.

Дар бораи ҳайвоноти хонагӣ чӣ медонед? Кадом ҳайвон ҳам ваҳшӣ аст ва ҳам хонагӣ?

## ЧИСТОН

Ба ҳар ҷо, ки нишинад,
Дигар намеҷунбад он.
Пас аз он ҳар чӣ ояд,
Албатта, гардад калон.

Ҷавоби чистонро аз байни аломатҳои зерин ёбед.



## ДЕҲҚОН

Деҳқони хушкасбу кор
Ба аҳди худ вафодор.
Вазъи замин медонад,
Илми замин мехонад.
Машғули кишту кор аст,
Ҳосили ӯ пурбор аст.
Ризқ ато мекунад,
Нақша ба ҷо мекунад,
Дар меҳнат монанди шер,
Чашми замон аз ӯ сер.

*Асад Гулзодаи Бухороӣ*



Деҳқон кист ва бо чӣ кор машғул мегардад?



Шеърро аз ёд кунед.

## МАҚОЛ

Ҳунар аз мулку мероси падар беҳ.



# ПИСАРИ ТАНБАЛ

Писари деҳқоне дар мадрасаи Бухоро мехонд. Рӯзе ӯ ба деҳа, назди падараш баргашта омад. Падараш гуфт:

— Писарам, ҳоло мавсими ғунучин ва дарав кардан аст. Хаскашро гиру ба ман ёрӣ бидеҳ.

Писар, ки майли меҳнат кардан надошт, гуфт:

— Ман дар мадраса машғули хондан будам. Ба ростӣ, ки суханони қишлоқиро фаромӯш кардаам. Гӯед, ки хаскаш чӣ бошад?

Писар ин суханро гуфту дастаи хаскаш ба пешонааш бархӯрд. Ӯ хаскашро бо пояш ногаҳон зер карда буд. Ӯ ҳамоно чӣ будани хаскашро ба ёд овард ва онро аз замин бардошта, аз паси падари деҳқонаш рафт.

*Аз «Маҷмӯаи ҳикоя ва ривоятҳои хурд»*

1. Падар ба писар чӣ гуфт?
2. Писар чӣ ҷавоб дод?

Ҳикояро хонед ва мазмунашро гӯед.

## АКРАМҶОНИ МЕҲНАТДӮСТ

Акрамҷон ҳеҷ гоҳ бекор намемонад. Вай ҳама вақт ба ягон кор машғул мешавад. Ҳеҷ кор наёбад, ба саҳни ҳавлӣ баромада, пастию баландиҳои ҳавлиро ҳамвор карда мегардад. Бехи ниҳолҳоро нарм мекунад ва ба гулҳо об медиҳад.

Агар модараш хамир кунад, Акрамҷон зуд ба танӯр алав мемонад. Меҳнатдӯстии вайро хурду калон меписанданд. Аз ин ҷост, ки рафиқонаш ӯро «Акрамҷони меҳнатдӯст» мегӯянд.

1. Акрамҷон чӣ корҳоро иҷро мекунад?
2. Шумо ба кадом корҳои модаратон ёрӣ мерасонед?

# НОЛАИ ПАДАР

Падару писаре гуноҳ содир карданд. Ҳаким фармуд, ки ҳар якеро чӯб зананд. Аввал падарро хобонданд ва сад чӯб заданд. «Оҳ» нагуфт ва дам назад. Баъд аз он писарашро хобонданд. Чун як чӯб заданд, падар нолаву фарёд кард. Ҳаким гуфт:

— Ту сад чӯб хӯрдӣ, дам назадӣ. Писарат як чӯб хӯрд, ин нолаву фарёд чист?

Гуфт:

— Он чӯбҳо бар тани ман меомад, тоқат мекардам, акнун ки бар ҷигарам меояд, тоқат надорам.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

1. Падару писарро чӣ гуна ҷазо доданд? 2. Падар чӣ кор кард?

Ҳикояро хонед ва маънидод кунед.

# МУНДАРИЧА

Якумчаҳо ........................................ 3
Устоди меҳрубонам ............................ 5

**Ўзбекистон – Ватани ман**

Ватан .............................................. 6
Ватани ман куҷост? ............................ 7
Шердор ........................................... 9
Герб ва гимни давлатии
Республикаи Ўзбекистон ..................... 12
Ду дӯст .......................................... 14
Дарвоза нигин дорад ......................... 16
Рӯбоҳ ва буз .................................. 18
Қаҳрамонҳои Ватани мо ..................... 19
Эй кишвари ман ................................ 21
Тошканд – пойтахти Ватани мо .......... 22

**Мо авлоди бузургон**

Гулзори маъни̅ ................................. 24
Маро танбал нагӯед .......................... 26
Мор, уқоб ва шикорчӣ (Афсона) ......... 27
Беҳзод (Ривоят) ............................... 29
Бобои Розиқ ..................................... 30
Шогирди нонво ................................ 32
Дарси охирин ................................... 35
Паҳлавон Маҳмуд .............................. 36
Асои пирӣ ........................................ 38
Сардор ва дастёри оила ..................... 40
Забони тоҷик .................................... 43

## Баҳор

Баҳор ........................................ 46
Бойчечак ........................................ 49
Ташаккур, Саидҷон! ........................................ 50
8-уми Март – рӯзи иди бонувон ........ 53
Аллаи модарҷонам ........................................ 54
Аз ҳама беҳтар аст ........................................ 55
Гули қоқу ........................................ 57
Оё баҳорон омада? ........................................ 58
Баҳория ........................................ 58
Дар интизори чӯҷаҳо ........................................ 59
Турна ........................................ 61
Бӯйи хуши суманак ........................................ 62
Обаки шӯхи баҳор (Афсона) ................ 64

## Илм чароғи ақл аст

Дӯсти беҳтарин ........................................ 67
Мактаби мо ........................................ 68
Абӯалӣ ва кӯдаки зирак ........................................ 70
Каллакаду ........................................ 71
Сӯҳбати ду мирзо ........................................ 73
Мушак ва гурбача ........................................ 75
Ғози худписанд ........................................ 76
Ибни Маъмун ........................................ 78
Китоб офтоби мост ........................................ 80
Дуои момои пир ........................................ 81
Сумка ........................................ 83

## Насиҳати халқ – калиди бахт

Пандҳои Луқмони ҳаким ........ 85
Рафтори хуб ........ 86
Ҷавоби беҳтарин ........ 87
Дуои хайр ........ 90
Эҳтиром ........ 91
Насиҳати Бобо Салом ........ 92
Ду бузича ........ 93
Саховат ........ 94
Ҳунар омӯзед ........ 96
Нобино ва лаққӣ ........ 97
Додом мехонад китоб ........ 99

## Одоб ҳусни инсон аст

Хислати хуби инсон ........ 101
Се ҷеғи хурӯс ........ 104
Се танбал ........ 107
Ёрдамчи модар ........ 109
Мо шодем ........ 110
Уқоб ва занбӯри асал ........ 111

## Меҳнат шараф аст

Ҳай, баракалло ........ 113
Ёрирасони модар ........ 114
Луқмаи ҳалол ........ 116
Модаркалон ва Петрик ........ 117
Деҳқон ........ 121
Акрамҷони меҳнатдӯст ........ 123
Нолаи падар ........ 124

**Файзуллоева, Зебунисо.**

Т 68 Китоби хониш: Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 1-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ (нашри нӯҳум)/ З. Файзуллоева, Ғ. Маҳмудов, Р. Мӯъминҷонов. — Т.: «O‘zbekiston». 2019. — 128 с.

I. Маҳмудов, Ғ. II. Мӯъминҷонов Р.

ISBN 978-9943-01-732-0

**УЎК 811.228.8(075)+372.41**
**КБК 81.2 Тоҷ**

*O‘quv nashri*

***Zebuniso Fayzulloyeva, G‘afurjon Mahmudov, Ravshan Mo‘minjonov***

**O‘QISH KITOBI**

Ta’lim tojik tilida olib boriladigan umumiy o‘rta ta’lim maktablarining 1-sinfi uchun darslik

(*Tojik tilida*)

To‘qqizinchi nashr

Original-maket «O‘zbekiston» nashriyot-matbaa ijodiy uyida tayyorlandi. 100011, Toshkent, Navoiy ko‘chasi, 30.

Мусаввирон: *А. Чапленко, Б. Муҳаммедов*
Муҳаррир *Ҷ. Эшонқулов*
Муҳаррири бадеӣ *Ҳ. Қутлуқов*
Муҳаррири техникӣ *Т. Харитонова*
Саҳифабанди компютерӣ *Н. Аҳмедова*

Литсензияи нашриёт AI № 158, 14.08.09.
Ба чопаш 23 январи соли 2019 иҷозат дода шуд.
Андозаи 70x90 1/16. Чопи офсетӣ. Гарнитураи «Pragmatic TAD».
Кегли 18. Бо усули офсет дар коғази офсет чоп шудааст.
Ҷузъи чопии шартӣ 9,36. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 9,75.
Адади нашр 7767 нусха. Супориши № 436.

Дар матбааи Ширкати саҳҳомии табъу нашри «Sharq», 100000, шаҳри Тошканд, хиёбони Буюк Тӯрон, 41 чоп шудааст.